«Ҷавонони бофарҳанг, босавод ва ватандӯст метавонанд ҷомеаи солим ва давлати устувор бунёд кунанд.»
Эмомалӣ Раҳмон

Мардум маодини зару симанд дар сиришт, Ҷӯёи ин хазоини пинҳон муаллим аст.

# Омӯзгори ҷавон

№5(1083)
31 майи соли 2025

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

E-mail:
omuzgori_javon@mail.ru

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

# БАРРАСИИ ДУРНАМО ВА МУШКИЛОТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ РЕКТОРОН



**3 майи соли 2025 дар толори маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар ҷаласаи мазкур муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфия Абдулхолиқзода, раиси Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Аҳлиддин Ибодуллозода, аъзои Шуро - ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин кормандони масъули Вазорати маориф ва илм иштирок намуданд.

Муовини вазири маориф ва илм дар сухани ифтитоҳии худ доир ба вазъи кунунии таҳсилоти олии касбӣ ва афзалиятҳои рушди минбаъдаи он суханронӣ намуда, ибрози дошт, ки дар шароити кунунӣ аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар тақозо мешавад, ки бо истифода аз имконияту захираҳои мавҷуда роҳҳои муассири рушди сифати таълим, таҳкими пойгоҳи моддию техникӣ, баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи донишҷӯён, инчунин мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнатро ҷустуҷӯ намоянд. Вазорати маориф ва илм ҷонибдори ҳама гуна ташаббусҳои созандаест, ки ба баланд бардоштани сатҳи таҳсилот, ҷалби мутахассисони соҳибтахассус, таҳқиқоти илмӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат менамоянд. Дар ин замина, нақши Шурои ректорон ҳамчун майдони муҳимми ҳамоҳангсозии фаъолият, мубодилаи таҷриба ва қабули қарорҳои муҳимму саривақтӣ, бениҳоят муҳим мебошад.

Ҳамзамон, муовини вазир аз роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ даъват ба амал овард, ки дар баробари иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва илмӣ, ба масъалаҳои тарбияи маънавии ҷавонон, пешгирии падидаҳои номатлуб дар муҳити донишҷӯён ва мусоидат ба таҳкими арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Давомаш дар с.2

## ДАР ИН ШУМОРА:



ВОХӮРӢ БО ПРЕЗИДЕНТИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ҶОНБУК 2



ДОНИШГОҲ ДАР ОЛИМПИАДАИ ҶУМҲУРИЯВӢ ҶОЙИ 2-ЮМРО САЗОВОР ГАРДИД 3



"МУҚОВИМАТ БО ИФРОТГАРОӢ ОМИЛИ РУШДИ БОСУБОТИ ҶОМЕА" 4



МУЛОҚОТ БО ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ, КИ ДАР КОРЕЯ ТАҲСИЛ ДОРАНД 11

ПАЖӮҲИШ

# БАРРАСИИ ДУРНАМО ВА МУШКИЛОТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ РЕКТОРОН

Аввалаш дар с.2

Дар идома раиси Шурои ректорон суханронӣ намуда, аз таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти олии кишвар ба рушди соҳаи маориф, махсусан таҳсилоти олӣ, ёдовар шуда, қайд кард, ки дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар вобаста ба сохтмони биноҳои таълимӣ, муосирсозии инфрасохтор ва таъмини муассисаҳо бо технологияи замонавӣ, ба мо - роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ масъулияти бештарро вогузор менамояд. Вазифаи мо аз он иборат аст, ки дар баробари таъмини сифати таълим, инчунин ба тарбияи мутахассисони ватандӯст, донишманд ва созанда машғул бошем ва дар рушди минбаъдаи ҷомеа нақши муассир гузорем.

Раиси Шуро таъкид кард, ки чунин ҷаласаҳо имкони беҳтарин барои мубодилаи таҷриба, ҳамоҳангсозии сиёсати таълим ва таҳияи иқдомҳои муштарак дар роҳи боз ҳам беҳтарсозии таҳсилоти олӣ мебошад.

Сипас, раиси Шурои ректорон ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, аз зарурати муҳокимаи масъалаҳои мубраму афзалиятноки соҳаи таҳсилоти олӣ ёдовар шуд.

Ҳамин тавр, дар қисмати масъалаҳои асосӣ ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саймуъмин Раҳимов Амир Иброҳимзода дар мавзуи «Нақши Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ дар омода кардани мутахассисони соҳаи варзиш ва варзишгарони сатҳи байналмилалӣ» баромад кард. Номбурда вобаста ба дастовардҳо, усулҳои муосири таълим ва саҳми донишкада дар рушди варзиши кишвар маълумот дод. Сипас, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Маҳмадёр Раҷабзода оид ба «Фаъолияти Донишкадаи омӯзгорӣ дар омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи маориф барои минтақаи Рашт» баромад намуд.

Дар қисмати масъалаҳои ҷорӣ ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ, доир ба тағйиру иловаҳо ба гурӯҳи ихтисосҳои кластери №5 (тиб, биология ва варзиш) пешниҳодҳои худро манзури ҳозирин намуд.

Сафарзода Даврон, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавриди механизмҳои муассири муқовимат бо экстремизм ва терроризм дар муҳити ҷавонон баромад намуда, ба нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар ташаккули шуури зиддитеррористии ҷавонон ишора намуд.

Ҳамчунин, раиси Шурои ректорон доир ба дастгирии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба зарардидагони заминларзаи водии Рашт суханронӣ намуд. Таъкид гардид, ки муассисаҳо омодаанд, ки барои бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ саҳми худро гузоранд.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа таъкид шуд, ки дастгирӣ ва татбиқи иқдомҳои башардӯстонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тақвияти робитаи муассисаҳои таълимӣ, амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва боло бурдани сифати таълим аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҷаласаи Шуро бо қабули қарорҳои дахлдор анҷом ёфт.

ҲАМКОРӢ

# ВОХӮРӢ БО ПРЕЗИДЕНТИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ҶОНБУК

**Имрӯз Аҳлиддин Ибодуллозода ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Корея бо Президенти Донишгоҳи миллии Ҷонбуки Ҷумҳурии Корея Янг О-Бонг вохӯрӣ анҷом доданд.**



Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба густариши ҳамкориҳо аз қабили табодули академии донишҷӯёну омӯзгорон, баргузории конференсияҳои муштарак, даъвати профессорон барои хондани маърӯзаҳо, табодули таҷрибаи илмӣ-техникӣ дар бахши омода кардани кадрҳои баландихтисос, рушди омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз қабили кореягӣ ва англисӣ ибрози назар намуданд.

Ҳамчунин оид ба роҳ мондани факултетҳои муштарак, барномаҳои таълимӣ дар шакли 2+2, табодули таҷрибаи кормандону омӯзгорони муассисаҳо андешаронӣ карданд.

Ёдовар мешавем, ки айни ҳол дар Донишгоҳи миллии Ҷонбук аз донишгоҳ 10 нафар донишҷӯ тибқи барномаи табодули академӣ таҳсил намуда истодаанд, ки ин мисоли равшани рушди ҳамкориҳои муассисаҳо мебошад.

Қайд карданд ба маврид аст, ки ҷонибҳо зимни вохӯрӣ ба натиҷа омаданд, ки ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳсил табодули донишҷӯёни зинаи бакалавр ба 30 нафар ва аз зинаҳои зинаҳои магистратура ва доктарантура то ба 20 нафар зиёд гардонида шавад.

Ҳамчунин, роҳбарияти муассисаҳо ба хулоса расиданд, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ҷиҳати тақвият бахшидан ба омӯзиши забони кореягӣ "Маркази омӯзиши забони кореягӣ" дар оғози соли хониши 2025-2026 мавриди ифтитоҳ қарор хоҳад гирифт.

Боиси хушнудист, ки ҷонибҳо ба муҳимтарин нозукиҳои барномаи табодули академии донишҷӯён равшанӣ андохта, ба хулоса омаданд, ки аз ин минбаъд донишҷӯёни тибқи табодул сафарбаргардида, аз маблағи ҳаққи хобгоҳ, ки то ин дам ба 9000 сомонӣ баробар буд, пурра озод карда мешаванд.

Ҳамчунин, ба донишҷӯёни аълохон стипендияҳои баланди донишгоҳи мазкур низ пешниҳод карда шуда, маблағи сафари онҳо низ пурра пардохт карда мешавад.

Роҳбарияти Донишгоҳи миллии Ҷонбук аз иқдомоти муҳимми пешниҳодгардида хушнуд гардида, ҷиҳати мунтазам тақвият бахшидани ҳамкориҳо омодагии хешро баён намуданд.

Дар охири вохӯрӣ ҷонибҳо ба ҳамдигар тӯҳфаҳои хотирмон ҳадя намуданд.

Донишгоҳи миллии Ҷонбук яке аз даҳ Донишгоҳҳои миллии Корея мебошад, ки соли 1947 дар шаҳри Ҷонҷуи Кореяи Ҷанубӣ таъсис ёфтааст. Дар назди донишгоҳ 16 коллеҷ, 14 факултет, 1 мактаби миёна, 9 мактаби тахассусӣ ва 4 донишкадаи касбӣ фаъолият намуда, донишгоҳ дар умум 22 ҳазор донишҷӯ дорад.

Созишномаи ҳамкорӣ миёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи миллии Ҷонбук дар кутоҳтарин муддат, дар мувофиқа бо муассисон баста мешавад.

ДАСТОВАРД

# ДОНИШГОҲ ДАР ОЛИМПИАДАИ ҶУМҲУРИЯВӢ ҶОЙИ 2-ЮМРО САЗОВОР ГАРДИД

**Имрӯз бо иштироки вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро дар шаҳри Левакант маросими ҷоизасупории ғолибони Олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**




Дар олимпиадаи мазкур, ки рӯзҳои 16-17 май баргузор гардид, донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои зерин гардиданд:

1. Неъматзода Шаҳбоз – донишҷӯи курси 3-юми факултети таърих ва ҳуқуқ, аз фанни таърих ҷои 1-ум;
2. Уралов Ойбек – донишҷӯи курси 4-уми факултети биология, аз фанни биология ҷои 1-ум;
3. Зиёев Ҳузуриддин – донишҷӯи курси 5-уми факултети география, аз фанни географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография ҷои 1-ум;
4. Дилнозаи Мирзовалӣ – донишҷӯи курси 3-юми факултети филологияи тоҷик, аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ҷои 2-юм;
5. Мирзоева Сайёра – донишҷӯи курси 2-юми факултети педагогика, аз фанни педагогикаи умумӣ ҷои 2-юм.

Бо ҳамин тартиб, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар ин олимпиада миёни 44 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар ҷойи 2-юмро ишғол намуд.

Ҳамчунин рӯзи 15 майи соли ҷорӣ дар шаҳри Левакант Озмуни ҷумҳуриявии "Ҷоми ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" баргузор гардид, ки донишҷӯёни Донишгоҳ дар он низ иштирок намуда, соҳиби 2 ҷойи 3-юм гардиданд:

1. Аҳмадова Моҳира – донишҷӯи курси 5-уми факултети математика ва информатика, аз фанни математика ҷои 3-юм;
2. Зиёев Зуҳриддин – донишҷӯи курси 5-уми факултети география, аз фанни география ҷои 3-юм.

ИЛМ ДАР ИСТЕҲСОЛОТ

# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО БО ДОНИШКАДАИ ТЕХНИКИИ СИЧУАНИ ЧИН

**Рӯзи 22.05.2025 Ибодуллозода Аҳлиддин ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ гурӯҳи роҳбарият ва намояндагони Донишкадаи техникии Сичуани Ҷумҳурии Мардумии Чинро ба ҳузур пазируфт.**





Зимни мулоқот ҷонибҳо оид ба густариши ҳамкориҳо ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин дар самти сифати таълим, илм ва инноватсия, истифодаи технологияҳои нав дар таълим ва самтҳои мухталифи истеҳсолот гуфтушунид анҷом доданд.

Зикр гардид, ки дар доираи шартномаи ҳамкорӣ барои донишҷӯён ташкили дарсҳои омӯзишии муосир тариқи васоити техникии замонавӣ ба роҳ монда шуда, имконияти таҷрибаомӯзиву азхуднамоии илмҳои муосир бо баргузории семинару тренингҳо зиёд мегарданд.

Ҳамзамон, робитаҳо дар самти паркҳои технологӣ ба роҳ монда шуда, ба илмҳои технологияи муосир, муҳандисӣ, хуши маснӯъӣ, биотехнология, коммуникатсия, робитаҳои хориҷӣ, лоиҳаҳову грантҳои байналмилалӣ ва ғайраҳо диққати махсус дода мешавад.

Ҷонибҳо омодагии хешро барои бастани ёддошти тафоҳум изҳор намуда, ба хулоса расиданд, ки дар кутоҳтарин муддат дар мувофиқа бо муассисон баста мешавад.

ФОРУМИ ШАҲРӢ

# "МУҚОВИМАТ БО ИФРОТГАРОӢ ОМИЛИ РУШДИ БОСУБОТИ ҶОМЕА"

**Имрӯз дар доираи моҳвораи ҷавонон бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва тибқи нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар толори калони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки роҳбарият ва масъулини сохторҳои дахлдори пойтахт Форуми шаҳрӣ таҳти унвони "Муқовимат бо ифротгароӣ омили рушди босуботи ҷомеа" баргузор гардид.**




Дар форум муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар аз ҷумла изҳор доштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари ҷавон буда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати хирадмандонаи ҷавонпарварона мебарад ва пайваста ҷавонон аз ҷониби давлату ҳукумати кишвар ва Раиси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дастгирии ҳаматарафа мeёбанд.

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар навбати хеш баён намуданд, ки ифратгароӣ ба ҷомеа, амнияти давлату миллат хатари ҷиддӣ меорад, зеро дар ҳар шакле набошад, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро поймол мекунад. Маҳз бо ин омил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ифротгароӣ чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар идомаи форум нотиқон қайд намуданд, ки ифратгароӣ асосҳои маънавии ҷомеаро вайрон намуда, ба амнияти давлатҳо, минтақаҳо, ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам таҳдид мекунад.

МАОРИФИ КИШВАР БО НЕРУИ ТОЗА ҒАНӢ МЕГАРДАД

# БЕШ АЗ 400 ХАТМКУНАНДАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРӢ ДАР СОЛИ 2025 БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ РАВОНА МЕГАРДАНД

**2 майи соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷаласаи тақсимоти мутахассисони ҷавон баргузор гардид.**






Дар чорабинӣ муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхоликзода, намояндаи раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм, муовини аввали ректори донишгоҳ оид ба корҳои таълимӣ, инчунин 75 нафар намояндаи шуъбаҳои маориф аз шаҳру ноҳияҳо ҳузур доштанд.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, соли равон 402 нафар хатмкунандаи равияи омӯзгорӣ таҳсилоти рӯзонаи донишгоҳро ба анҷом мерасонанд. Аз ин шумора 92 нафар бо роҳхат тариқи Квотаи Президентӣ ва 310 нафар дар асоси буҷети давлатӣ таҳсил намудаанд.

Зимни ҷаласа муҳиммияти ҷалби кадрҳои ҷавон ба муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, махсусан дар минтақаҳои дурдаст, таъкид шуд. Иброз гардид, ки таҳкими пойгоҳи кадрии соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълиму тарбия ба шумор меравад.

Ҷараёни тақсимот бо риояи талаботи қонунгузорӣ ва бо дарназардошти ихтисос, хоҳиш ва имкониятҳои минтақаҳо сурат гирифт.

Ин иқдом дар роҳи тақвияти сифати таълим ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо омӯзгорони ҷавон қадами муҳим арзёбӣ гардид.

ВОХӮРӢ

# ВОХӮРИИ РЕКТОР БО МАГИСТРОН

**Имрӯз ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо магистрони курсҳои якум ва дуюми Донишгоҳ вохурӣ анҷом доданд.**

Зимни вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба таҳсили онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати самаранок истифода бурдан аз имкониятҳои фароҳамовардаи Ҳукумати кишвар дар самти илмомӯзӣ: аъзо шудан ба китобхонаҳо, навиштани мақолаҳо, ҷиддӣ омода намудани корҳои илмӣ, иштироки фаъол дар дарсҳо, фаъолона иштирок намудан дар чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ ва амсоли инҳо дастуру супоришҳо дода шуд.





ҲАМКОРӢ



# БОЗДИДИ НАМОЯНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ОСОРХОНАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ЧОНБУК

**Имрӯз ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо магистрони курсҳои якум ва дуюми Донишгоҳ вохурӣ анҷом доданд.**

Зимни вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба таҳсили онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати самаранок истифода бурдан аз имкониятҳои фароҳамовардаи Ҳукумати кишвар дар самти илмомӯзӣ: аъзо шудан ба китобхонаҳо, навиштани мақолаҳо, ҷиддӣ омода намудани корҳои илмӣ, иштироки фаъол дар дарсҳо, фаъолона иштирок намудан дар чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ ва амсоли инҳо дастуру супоришҳо дода шуд.

КОНФРОНСИ ҶУМҲУРИЯВӢ:

# “МУАММОҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ, МОЛИЯ ВА ИДОРАКУНИИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ”

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)» ва фаъолияти илмӣ-омӯзгории профессор Насимов А.А. дар мавзуи “Муаммоҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, молия ва идоракунии соҳаи маориф дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ баргузор гардид.**

Дар қисмати ифтитоҳии конфронс муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром, д.и.и., профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ Шарифов Зариф Раҳмонович дар мавзуи “Накукоре ва накумарде дар ҷодаи маориф ва илми иқтисод”, д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Рауфӣ Абдуғафор дар



мавзуи “Раванди рақамикунонӣ дар иқтисодиёти бозорӣ”, д.и.и., профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирбобоев Раҳматулло Мадаюбович дар мавзуи “Ташаккули салоҳиятҳои идоракунӣ дар низоми тайёр кардани роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ”, профессори кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Қурбонов Абдулхайр дар мавзуи “Танзими гарони андозбандии субъектҳои хоҷагидорӣ дар низоми иқтисоди миллӣ”, н.и.и., дотсент, декани факултети иқтисод ва идораи ДДОТ ба номи С.Айнӣ Ғафорзода Ҷонона Ғафор дар мавзуи “Таъсири иқтисоди рақамӣ ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои сайёҳии ИИТСС ДДБСС Ёров Ҷамшед Нуруллоевичдар мавзуи “Цифровизация как ключевой фактор развития туризма на современном этапе мировой экономики”, профессори кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Азизов Шоазиз Самиевич дар мавзуи “Соҳибмактабе дар илми иқтисод ва педагогика” суханронӣ ва маърӯзаҳои пурмуҳтаво намуданд.

ВОХӮРӢ

# ВОХӮРИИ НАМОЯНДАГОНИ ПРОКУРАТУРАИ ГЕНЕРАЛӢ БО АҲЛИ РАЁСАТ ВА ОМӮЗГОРОНУ ДОНИШҶӮЁН

**Имрӯз тибқт нақша-чорабиниҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии намояндагони ин ниҳод бо аҳли раёсат, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид.**



Дар чорабинӣ ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода, аз Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муминзода Таҳмина сардори раёсати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва Холов Раҳматулло прокурори калони раёсати назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Нахуст ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода ташрифи меҳмононро ба даргоҳи илму маърифат хуш омадед гуфта, баён намуданд, ки ҳадафи вохӯрӣ шарҳу тавзеҳи нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ва тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ дар самти истифодаи нодурусти нерӯи барқ бо ҳузури намояндагони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Инчунин зикр карданд, ки раёсати Донишгоҳ зери сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои муҳим андешида, дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа ва қавӣ намудани ҷойгоҳи Донишгоҳ дар арсаи ҷумҳури ва байналмилалӣ талошҳои таъсиргузор намудаистодааст.

Муминзода Таҳмина сардори раёсати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баромади хеш дар бораи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ сухан карда, нуктаҳои онро шарҳу тавзеҳ доданд. Аз ҷумла, баён намуданд, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи рушди маориф ва илм яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилии Ҳукумати кишварро ташкил дод.



Гузашта аз ин, Сарвари давлат дар мавриди беҳтар намудани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва ба тавri ҷиддӣ роҳандозӣ намудани таълими забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои компютерӣ сариваҚтӣ қайд намуданд, зеро рушди ояндаи мамлакат аз онҳо вобаста мебошад.

Холов Раҳматулло прокурори калони раёсати назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ дар самти истифодаи нодурусти нерӯи барқ ибрози андеш намуд. Дар навбати хеш аз иштирокчиён даъват ба амал оварданд, ки сарфаю сариштакориро сармашқи кори худ қарор диҳанд, зеро он дар баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум нақши муассир мегузорад. Агар аҳли ҷомеа дар самти истифодаи неруи барқ сарфакор шаванд, пас ин ба манфиати иқтисод ва мардуми кишвар мешавад.

ҲАМКОРӢ

# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО БО МУАССИСАҲОИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР САМТИ ТАЪСИСИ ШУРОҲОИ МУШТАРАКИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

**Рӯзи 06.05.2025 намояндагони Донишкадаи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ ба номи Н.С. Курнаковаи Академияи илмҳои Россия дар ҳайати Ненайденко Валентин Георгиевич – д.и.х. профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Россия, мудири кафедари химияи органикии факултети химия ва Вошкин Андрей Алексеевич – д.и.х. профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Россия ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ташриф оварданд.**



Меҳмононро роҳбарияти донишгоҳ, муовини ректор оид ба корҳои илмӣ д.и.х., профессор Раҷабзода Сироҷиддин, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ д.и.ф., профессор Қурбонзода Рухшона ва дигар шахсони масъул истиқбол намуда, мулоқот анҷом доданд.

Зимни вохӯрӣ, ҷонибҳо масоили марбут ба таъсиси шуроҳои диссертатсионии муштарак, гузаронидани конференсияҳои сатҳи байналмилалии муштарак, додани унвонҳои илмии дотсент, профессор, ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда ворид намудани силсилаи шумораҳои "Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ", ҷалби мутахасисони ҷавон барои табодули таҷриба ба ниҳодҳои илмии Федератсияи Россия ва дигар масъалаҳои марбути шуроҳои диссертатсиониву самти илмиро баррасӣ намуданд.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳоро ҷоннок намуда, дарояндаи наздик дар мувофиқа бо муассисони хеш созишномаи ҳамкорӣ ба имзо мерасонанд.

(БА ИФТИХОРИ ЗОДРӮЗИ НОСИРҶОН МАЪСУМӢ 2.05.1915 – 16.08.1974)

# НОСИРҶОН МАЪСУМӢ – НАХУСТМУҲАҚҚИҚИ ЗАБОН ВА УСЛУБИ ОСОРИ БАДЕӢ

**Таҳқиқи хусусиятҳои забонии осори хаттӣ, аз ҷумла осори бадеӣ дар забоншиносии муосири тоҷик яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ки он бевосита ба фаъолияти илмии олими варзида Носирҷон Асадович Маъсумӣ иртибот дорад. Ин муҳаққиқ оид ба хусусиятҳои забонии осори хаттӣ нахуст мақолаҳо ва пас он рисолаи илмӣ таълиф намудааст.**

Н. Маъсумӣ замоне пажуҳиши забон ва услуби осори бадеиро оғоз намуд, ки аллакай С. Айнӣ, Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, М. Фозилов, аз шевашиносони рус В.С. Соколова, В.С. Расторгуева, Л.В. Успенская, Р.Л. Неменова ва шарқшиносон К.Г. Залиман, В.А. Жуковский, Н.Д. Андреев, Е.Э. Бертелс, И.И. Зарубин, А.А. Семёнов, А.А. Фрейман бар мабнои назарияҳои нави забоншиносӣ як зумра масъалаҳои сохтории забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои онро таҳқиқ намуда, то ҷое баъзе мавзуъҳоро ҳал намуда буданд. Н. Маъсумӣ ҳамчун муҳаққиқи нуктасанҷу дурандеш чунин мепиндошт, бо вуҷуди он ки таҳқиқоти гуногунҷанба анҷом пазируфтаанд, "таърихи чандинасраи забони адабии тоҷик, ганҷинаи бойи забони адабӣ ва вазъияти ҳозираи кор карда шудани вай ... масъалаи зиёди забони тоҷикӣ ва грамматикаи он ҳанӯз кор карда нашудаанд". Аз ин рӯ, таҳқиқи нисбатан мукаммали забони тоҷикиро зарур шуморида, ба омӯзиши масоили назариявии таърихи забони адабии тоҷикӣ пардохта, ба "масъалаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва тағйироти дар давоми асрҳо дар ин соҳа бавуҷудомада" таваҷҷуҳ зоҳир намуда, омӯзиши натиҷабахши мавзуи мазкурро дар таҳқиқи забони осори хаттӣ мебинад.

Н. Маъсумӣ таърихи инкишофи забони адабии тоҷикиро омӯхта, ба хулосае меояд, ки "забони адабӣ, ҳамчун шакли махсуси забони умумихалқӣ, низ маҳсули ҷараёни дуру дарози тараққиёти ҷамъият, ки бо мурури замон ба худ шакли муайян мегирад, бой мешавад, инкишоф меёбад, суфтаву пухта мегардад".

Устод Н. Маъсумӣ пас аз пажуҳишҳои пайваста ба хулосае меояд, ки раванди ташаккули сохти дастурӣ ва таърихи ғановати таркиби луғавии "забони тоҷикӣ дар асл ба боигарии луғавӣ ва сохти грамматикии асосии худ такя карда истода, аз як тараф, аз забонҳои муосир ва ҳамсоя, аз тарафи дигар, аз диалектҳои мавҷудаи онҳо аз ҳисоби элементҳои мувофиқ ва зарур ғизо гирифта, мукаммал мегардид ва инкишоф меёфт".

Роҳи ба таври мушаххас омӯхтани масири инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷикиро Н. Маъсумӣ дар таҳқиқи хусусиятҳои забонии насри бадеӣ, хоссатан осори С. Айнӣ мебинад, зеро насри бадеӣ инъикоскунандаи вазъи амалкарди забон дар замони таълифи асар маҳсуб меёбад. Ба андешаи ӯ "Садриддин Айнӣ, ҳамчун асосгузори адабиёти советии тоҷик, олим ва устоди сухани бадеӣ, дар соҳаи тараққиёти забони адабии ҳозираи тоҷик, забон ва услуби насри советӣ роли бузурги ҷамъиятӣ ва таърихӣ бозида", дар ибтидои асри XX барои содакунонии забони адабии тоҷик мубориза бурда, муваффақ низ гардидааст.

Огоҳии амиқи Н. Маъсумӣ аз хусусиятҳои забонии осори С. Айнӣ ба ӯ имкон додааст, ки роҷеъ ба нақши устод Айнӣ дар ташаккул ва инкишофи забони насри бадеии тоҷик ибрози андеша намуда, дар ин самт нахустин асари илмӣ таҳқиқотиеро таҳти унвони "Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик" (1959) таълиф намояд.

Рисола аз сарсухан ва бобҳои алоҳида фароҳам омада, муаллиф хусусиятҳои забонии повести "Марги судхӯр"-ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Масоили меҳварии рисола мавкеи С. Айнӣ дар забони адабии пас аз инқилобии тоҷик, хусусиятҳои луғавӣ ва ибораҳои халқӣ дар асар, хусусиятҳои морфологию синтаксисии забони повести "Марги судхӯр" буда, аз ҷониби муаллифи рисола таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Ба андешаи профессор Исматуллоев М. "доираи дониши васеъ, маҳорати баланди забондонӣ, истеъдоду заковати фавқулодда, дониши васеи илмӣ, меҳнатдӯстию сифатҳои наҷиби инсонӣ" боис гардидааст, ки Н. Маъсумӣ рисолаи арзишмандеро таълиф намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Н. Маъсумӣ тавассути рисолаи "Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик" (1959) ба услубшиносии тоҷик асос мегузорад. Муаллифи рисола бо баррасии лингвистии повести "Марги судхӯр" ба исбот



мерасонад, ки устод С. Айнӣ дар роҳи шаклгирӣ ва инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тавассути осори бадеӣ, рисолаву мақолаҳои илмию таърихии худ хизмати мондагоре кардааст.

Н. Маъсумӣ бо таҳқиқи хусусиятҳои забонии повести "Марги судхӯр"-и С. Айнӣ дар забоншиносии муосири тоҷик самти наверо бунёд гузошааст, ки минбаъд як зумра муҳаққиқон ба пажуҳиши забон ва услуби осори бадеӣ машғул гардида, рисолаҳои илмӣ дифоъ намуданд, ки аз ҷумлаи онҳо Ҳусейнов Х., Ғаффоров Р., Камолиддинов Б., Абдуқодиров А., Давронов А., Сабзаев С., Ҳикматуллоев Н., Шокиров Т., Олимҷонов М. ва дигарон мебо

Юсупов Ш.Р. – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ

# САҲМИ ЛИДИЯ ПЕТРОВНА СЕЧКИНА ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Лидия Петровна Сечкина 12 марти соли 1927 дар шаҳри Орёли Иттиҳоди Шуравӣ ҳозира Федератсияи Россия таваллуд шудааст. Соли 1951 Лидия Петровна Сечкина факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинградро бо ихтисоси таърих-эроншинос хатм намуда, ба Филиали Тоҷикистонии АИ Иттиҳоди Шуравӣ ба кор фиристонида шуд. Дар ин ҷо солҳои 1951-1992 Лидия Петровна Сечкина дар Институти бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш аввал ҳамчун ходим пас ходими калон ва сарходим кор мекунад. Соли 1993 Л.П.Сечкина бо хонаводааш ба ИМА мекучанд. Аз руи маълмотҳои расмӣ Л. П. Сечкина дар солҳои 90-уми асри XX дар Донишгоҳи Гарвард фаъолият намуд ва дар шаҳри Бостони ИМА зиндагӣ мекард. Маҳз дар ҳамин шаҳр вай 11 январи соли 2021 дар синни 94-солагӣ вафот мекунад. Дар давоми фаъолияти кории худ, Л.П.Сечкина зиёда аз 70 асари илмӣ, панҷ монография ва мақолаҳои сершуморро эҷод намуд, ки дар онҳо муҳимтарин масъалаҳои илми таърих баррасӣ шудаанд. Аз он ҷумла сегонаи асарҳои Л.П.Сечкина бо номи «Доблестные сыны Таджикистана на фронтах Отечественной войны (1941-1945 гг.)», «Твои герои, Таджикистан: Об участниках Великой Отечественной войны из Таджикистана, удостоенных звания Героя Советского Союза» ва «Таджикистан в годы Великой Отечественной войны, 1941-1945» аз ҷумлаи беҳтарин нашриёҳои илмӣ доир ба мавзуи Ҷанги Бузурги ватанӣ дар таърихи Тоҷикистон ба шумор мераванд. Соли 1968 бахшида ба 20-солагии рузи Ғалаба бар фашизм, китоби Л.П.Сечкина «Фарзандони шарафманди Тоҷикистон» дар нашриёти «Ирфон» ба забони тоҷикӣ нашр гардид. Дар муқаддимаи китоб муаллиф оид ба зарурати он чунин менависад: «Фарзандони халқи тоҷик дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ диловарию қаҳрамонӣ, ҷасорату шуҷоат нишон додаанд. Меҳнаткашони Тоҷикистон бо номи Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ Исмоил Ҳамзалиев, Домулло Азизов, Саидкул Турдиев, Тӯйчӣ Эрйигитов, Сафар Амиршоев, Эргаш Шарифов ва бисёр дигарон фахр мекунанд. Ҳазорон нафар ҷанговарони тоҷик дар ҷангҳо корнамой нишон дода, бо ордену медалҳои

**(Идома дар сах. 10)**

ВОХӮРӢ

# ВОХӮРИИ ВАСЕЪИ ДУҶОНИБА ҶИҲАТИ ТАЪСИСИ ШУРОҲОИ МУШТАРАКИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

**Бо ташаббуси ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва дастгирии ҷавонон дар соҳаи илм ва маориф, «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» ва ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии кадрҳои ҷавон аз Федератсияи Россия меҳмонон даъват гардидааст.**



Дар ин замина, вохӯрии васеъи дуҷониба баргузор гардид, ки дар он намояндагони Донишкадаи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ ба номи Н.С. Курнаковаи Академияи илмҳои Россия дар ҳайати Ненайденко Валентин Георгиевич – д.и.х., профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Россия, мудири кафедраи химияи органикии факултети химия ва Вошкин Андрей Алексеевич – д.и.х. профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Россия, муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром, доктори илмҳои химия, профессор Бандаев Сироҷиддин Гадоевич, доктори илмҳои биологӣ, профессор Сатторов Тоҳир, садорати факултетҳои табиӣ-риёзӣ, саркотиби шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳ Валиев Ҷамшед иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо масоили марбут ба таъсиси шуроҳои диссертатсионии муштарак, гузаронидани конференсияҳои сатҳи байналмилалии муштарак, додани унвонҳои илмии дотсент, профессор, ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда ворид намудани силсилаи шумораҳои “Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ”, ҷалби мутахасисони ҷавонро барои таҳодули таҷриба ба ниҳодҳои илмии Федератсияи Россия ва дигар масъалаҳои марбути шуроҳои диссертатсионӣ ва самти илмиро баррасӣ намуданд.

КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# «ҚАҲРАМОНИҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ФРОНТ ВА АҚИБГОҲ ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ»



**Дар Донишҳгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба 80-солагии ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва 80-солагии номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ» Давлатбеков Ниёзбек дар мавзуи «Қаҳрамониҳои халқи тоҷик дар фронт ва ақибгоҳ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.**

Дар кори конференсия намояндагони Академияи илмҳои Федератсияи Россия, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аҳли раёсат, деканҳо, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳ иштирок намуданд.

Дар қисмати ифтитоҳии конференсия муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром, намояндагони Донишкадаи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ ба номи Н.С. Курнаковаи Академияи илмҳои Россия дар ҳайати Ненайденко Валентин Георгиевич – д.и.х., профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Россия, мудири кафедраи химияи органикии факултети химия ва Вошкин Андрей Алексеевич – д.и.х. профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Россия суханронӣ намуданд.

Сипас, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Акрами Зикриё дар мавзуи “Саҳми ходимони фарҳанги Тоҷикистон дар ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ”, номзади илҳои таърих, дотсент, сарходими калони шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои тоҷикистон Ғафуров Абдулло “Эвагоспиталҳои шаҳри Душанбе дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ”, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Нурзода Абдулбоқӣ дар мавзуи “Замину замон хоки пойи ту бод”, н.и.п., профессор, декани факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С.Айнӣ Каримзода М.Б. дар мавзуи “Саҳми Тоҷикистон дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ” маърӯза намуданд.

Идомаи конференсия дар 3 бахш бо фарогирии 35 мақола гузаронида шуд.

НАМОИШ

# НАМОИШИ РАСМҲОИ ҶОЙҲОИ ТАЪРИХӢ ВА САЙЁҲИИ ШОҲИГАРИИ БЕЛГИЯ



**13-уми майи соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар ҳамкорӣ бо намояндагии Сафорати Шоҳигарии Белгия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши иқтисод ва тиҷорати Сафорати Шоҳигарии Белгия дар шаҳри Алмато намоишгоҳи расмҳои ҷойҳои таърихӣ ва сайёҳии Шоҳигарии Белгия баргузор гардид, ки донишҷӯён ва омӯзгорони Донишгоҳ, инчунин дигар хоҳишмандон аз он дидан намуданд.**

Дар ҳошияи чорабинӣ вохӯрии роҳбарияти Донишгоҳ бо Мушовири Сафорати Шоҳигарии Белгия дар шаҳри Алмато оид ба масъалаҳои тиҷорат ва сармоягузорӣ Айҷан Муссаканова ва Консули ифтихории Шоҳигарии Белгия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Ҳакимов доир гардид, ки дар ҷараёни он роҳбарияти Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба меҳмонон дар бораи муассисаи таълимӣ маълумоти мухтасар ироа намуд. Дар навбати худ, меҳмонон зимн суханронӣ оид ба имкониятҳои таҳсил, тиҷорат ва сайёҳии Шоҳигарии Белгия иттилоъ доданд.

ХОНИШИ СИЁСӢ ВА ОЛИМПИАДА

## “МАҚОМИ ЗАН ДАР ТАЪРИХИ ТОИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН”



**Рӯзи 2 майи соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ хониши сиёсӣ дар робита ба яке аз мавзуъҳои муҳим – “Мақоми зан дар таърихи тоисломии Тоҷикистон” баргузор гардид.**

Мавзуъи мазкурро омӯзгори факултети таърих ва ҳуқуқ Маҳмудов Давлатшо бо далелу ҳуҷҷатҳои собитшуда равшан маънидод намуданд.

## ИШҒОЛИ ПАНҶ ҶОЙ ДАР ДАВРИ ҶУМҲУРИЯВИИ ОЛИМПИАДАИ ФАННӢ



**Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пайдо намудани хонандагони боистеъдод ва лаёқатманд байни хонандагони синфҳои 5-11-и литсею гимназияҳо ва муассисаҳои миёнаи ҷумҳурӣ аз рӯйи 13 фанни таълимӣ олимпиада баргузор намуд. Олимпиада аз чор давр иборат буд, ки моҳи апрел даври чоруми он (ҷумҳуриявӣ) ҷамъбаст карда шуд.**

Дар олимпиадаи мазкур хонандагони Литсейи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори панҷ ҷойи ифтихорӣ (сеюм) гардиданд:

1. Исматзода Муҳаммад – хонандаи синфи 11 “А”;
2. Раҳимов Муҳаммадрофеъ – хонандаи синфи 8 “А”;
3. Закирова Роҳила – хонандаи синфи 6 ”Б”;
4. Мамадзоиров Алимуҳаммад – хонандаи синфи 6 “Б”;
5. Усмонов Мустафо – хонандаи синфи 5 “А”.

ЧАШМАНДОЗ

# САҲМИ ЛИДИЯ ПЕТРОВНА СЕЧКИНА ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

*(Аввалаш дар саҳ. 7)*

Иттифоқи Советӣ мукофотонида шудаанд. Корнамой ва номи онҳо ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд».

Дар китоб муаллиф корнамоиҳои Қаҳрамонони Иттиҳоди Шуравӣ аз Тоҷикистон дар шакли публитсистӣ шарҳ дода шуда, қаҳрамонии онҳо дар муҳорибаҳои калони Ҷанги Бузурги Ватанӣ инъикос ёфтааст. Бояд гуфт, ки дар баробари ҷанговарони тоҷик муаллиф ба корнамоиҳои меҳнаткашони ақибгоҳ дар кори таъмин кардани армия ва аҳолӣ бо озуқаворӣ ва либоси гарм диққати хоса додааст. Ба душвориҳои он давра нигоҳ накарда, Л.П. Сечкина барои навиштани китоб ба шаҳри Москва сафар мекунад, то ки аз маводҳои бойгонии Вазорати мудофиаи Иттиҳоди Шуравӣ, Шӯъбаи мукофотдиҳии Саруправленияи кадрҳои Вазорати мудофиаи Иттиҳоди Шуравӣ, Осорхонаи Артиши Шуравӣ, Бойгонии ҳизбии Институти таърихи ҳизб дар назди КМ ПК Тоҷикистон, инчунин маводҳои матбуоти даврӣ васеъ истифода намояд.

Соли 2018 дар ИМА китоби энсиклопедии «Historical Dictionary of Tajikistan» нашр гардид, ки дар он ба хизматҳои шоёни Л.П.Сечкина дар самти таърихи Ҷанги Бузурги ватанӣ баҳои баланд дода шуд.

Таҳлили асарҳои Л.П.Сечкина нишон медиҳад, ки вай дар таърихнигории Ҷанги Бузурги ватанӣ ва таърихнависии воқеаҳо услуби хоси худро дошт, зеро вай ҳамеша аз принсипи таърихият (историзм) истифода мекунад. Истифодаи принсипи историзм ва методологияи таърихӣ дар таҳқиқотҳои Л. П. Сечкина имконият дод, то муаллиф далелҳо ва воқеаҳоро дар вазъияти мушаххаси давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ баррасӣ намуда, алоқамандии диалектикии онҳоро вобаста ба шароит бо дигар равандҳоро муайян намояд. Вай дар бораи муҳорибаҳо ва ақибгоҳи давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ навишта, дар бораи усули ҷанг, қоидаҳои ҷанг, рафти муҳорибаҳо ва аҳволи ақибгоҳ ҳамчун мутахасиси ҳарбӣ ва иқтисодӣ ба онҳо назар мекунад ва барои ҳамин, дарки таърихи навиштаи Сечкина Л.П. барои хонанда осон, фаҳмо ва муҳим мегардад. Сечкина Л.П. аз принсипи Поллибий бармеояд, ки дар он чунин гуфта шудааст: "Таърихро тавре бояд навишт, ки он на танҳо аҷоиб, балки ҳақиқати гузаштаро барои хонанда зинда гардонад ва таърихи воқеаро бояд ҳамчун мутахассиси соҳа навишт".

Мувофиқи маълумотҳои Л.П.Сечкина ва дигар олимони тоҷик, дар солҳои Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ 200 ҳазор тоҷикистониён дар муҳорибаҳо иштирок намуда, 55 ҳазор нафар бо орден ва медалҳо мукофотонида шуданд. Барои мардонагӣ 54 нафар фарзандони Тоҷикистон бо унвони баланди «Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ» қадр гардиданд ва номи онҳо абадӣ ва ҷовидон дар таърихи Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд. Дар солҳои ҷанг, аз ҷумҳурии Тоҷикистон ба фронт 151 вагон тӯҳфа, ба Фонди мудофиа ба маблағи 30,5 миллион сӯм гузаронида шуд. Инчунин барои сохтани колоннаи танки «Колхозник Таджикистана» («Колхозчии Тоҷикистон») ва Эскадрилияи ҳавоии (авиаэскадрилияи) «Советский Таджикистан» («Тоҷикистони Шуравӣ») 14 милион сӯм ва ба маблағи 45 милион сӯм облигатсияи заёми давлатӣ – вомбарг, ҷамъ карда шуд.

Ҳамин тавр, таҳлили мо нишон медиҳад, ки саҳми Лидия Петровна Сечкина дар таърихнигории Ҷанги Бузурги ватанӣ хеле бузург аст ва он дар методологияи омузиши Ҷанги Бузурги ватанӣ мубрам дониста мешавад. Гарчанде, ки олимони зиёд таърихи корнамоиҳои тоҷиконро дар асарҳои худ таҳқиқ намуданд, аммо Л.П. Сечкина дар таърихнигории ҷанги Бузурги ватанӣ нақши беназир дорад. Вай тавонист муҳимтарин масъалаҳои илми таърихро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ инъикос намуда, ҳамчун мутахассиси ин самт на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он низ машҳур гардад.



Мирзоев Мирзо Низомудинович – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ

# САҲМИ ТОҶИКОН ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

**Ҳар сол дар кишвари азизу маҳбуби мо ба хотири ёдбуди онҳое, ки баҳри халқу Ватан дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷон фидо намудаанд ва барои қадрдонии онҳое, ки баҳри ба даст овардани ғалаба мардонавор ҷангидаанд, 9 май ҳамчун Иди Ғалаба ҷашн гирифта мешавад.**

Рӯзи Ғалаба ҳам дар радифи ҳамин гуна санаҳои фаромӯшношуданӣ мақом дорад. Он барои тамоми инсоният, аз ҷумла мо, тоҷикистониён низ азиз ва гиромӣ аст. Ҳоло мо дар остонаи таҷлили 80–умин солгарди рӯзи Ғалаба қарор дорем. Далериву шуҷоат ва мардонагиву қаҳрамонии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳифаи дурахшони таърихи моро ташкил медиҳад.

Воқеан, ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст! Корнамоиву қаҳрамониҳои собиқадорону иштирокяиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи тоҷик пайваста қадрдонӣ карда мешаванд. Танҳо аз Тоҷикистон дар солҳои ҷанг беш аз 300 ҳазор нафар фиристода шуда, даҳҳо ҳазор нафар дар майдони набард баҳри дифои ватан ҷон фидо кардаанд. 54 нафар тоҷикистониёни иштирокчии ҷанг ба унвони олӣ – Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ шарафёб гардидаанд. 21 нафар ба ҳар се дараҷаи ордени "Шараф" ва зиёда аз 60 – ҳазор нафар бо ордену медалҳо сарфароз шудаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотири иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватаниро пос медорад.

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи Ғалаба ба аҳли башар бори дигар собит месозад, ки мустаҳкам намудани дӯстиву ҳамкорӣ ва робитаҳои неку созандаи халқу давлатҳои гуногун омили асосии таъмин намудани сулҳу суботи сайёра, рушди давлату халқҳои ҷаҳон ва рӯзгори орому осудаи мардуми олам буда, инсоният танҳо бо саъю талоши муштарак метавонад бар зидди ҳама гуна нерӯҳои бадхоҳ истодагарӣ намояд.

Дар давраи ҷанг халқи тоҷик барои фронт 151 вагон, 532 ҳазору 500 адад либоси гарм, 123 ҳазору 800 килограм пашм, бештар аз 25000 метр газвор ва дигар лавозимот фиристониданд. Ба захираи мудофиавии Ватан 30 миллиону 500 ҳазор сӯм пули нақд ва 40750 пуд ғалладона ҷамъоварӣ карда супурданд. Барои сохтмони танки «Колхозчии Тоҷикистон» зиёда аз 84 миллион сӯм ва барои сохтмони эскадрилияи «Тоҷикистони Советӣ» 35,2 миллион сӯм ҷамъоварӣ намуданд. Шоиру нависандагони тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Лутфулло Бузургзода, Абдушукур Пирмуҳамадзода, ҳам бо силоҳ ва ҳам бо қалам зидди душман мубориза бурдаанд. Устод Садриддин Айнӣ бо мақолаҳои публитсистии худ нақшҳои зишти фашизмро ошкор сохта, дар мисоли қаҳрамонони халқи тоҷик эҳсоси ватандӯстӣ ва озодихоҳии мардумро бедор мекард. Нависандаи ҷанговар Фотеҳ Ниёзӣ буд, ки маҷмӯи ҳикояҳои ҷангиашро бо номи «Интиқоми тоҷикон» навишта буд. Асарҳои баъдиҷангии Фотеҳ Ниёзӣ: «Одамони ҷовид», романи «Ҳар беша гумон мабар, ки холист», «Шӯриши Восеъ» саршори ғояҳои ватандӯстӣ буда, имрӯз ва дар оянда ҳам онҳо намунаи иборатомӯзи наслҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд. Имрӯз дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доштани ин хотира муҳиму зарур аст, зеро вақте ки дахшатҳои ҷанг фаромӯш мешаванд, фашизм дубора эҳё мешавад. Насли навраси замони соҳибистиқлоли Ватан бояд аз гузаштагони худ, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ наҷот ёфта, ғолиб омадаанд, онҳоро ба ёд оранд ва ифтихор кунанд.




Қосимова Раҷабмоҳ – раиси Шурои собиқадорони ҷангу меҳнат дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ

МУЛОҚОТ

# МУЛОҚОТ БО ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ, КИ ДАР КОРЕЯ ТАҲСИЛ ДОРАНД



**Имрӯз Аҳлиддин Ибодуллозода ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Корея бо донишҷӯёне, ки тибқи барномаи табодули академӣ дар ин донишгоҳ таҳсил доранд воҳӯрии судманд анҷом доданд.**

Ёдовар мешавем, ки айни ҳол дар Донишгоҳи миллии Ҷонбук аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 10 нафар донишҷӯён тибқи барномаи табодули академӣ таҳсил намуда истодаанд, ки ин мисоли равшани рушди ҳамкориҳои муассисаҳо мебошад.

# ТАШРИФИ НАМОЯНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ РОССИЯ БА ОСОРХОНАИ ДОНИШГОҲ



**Намояндагони Донишкадаи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ ба номи Н.С. Курнаковаи Академияи илмҳои Россия дар ҳайати Ненайденко Валентин Георгиевич – д.и.х., профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Россия, мудири кафедари химияи органикии факултети химия ва Вошкин Андрей Алексеевич – д.и.х. профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Россия дар доираи ташрифи хеш ба Донишгоҳ аз осорхонаи таърихии муассиса боздид ба амал овcovered.**

Ба воситаи экспозитсияи осорхона меҳмонон бо таъриху фарҳанги пурғановати миллати тоҷик, табиати зебои Тоҷикистон ва фаъолияту дастовардҳои нахустмактаби олии кишвар аз наздик шинос гардиданд. Инчунин онҳо имкон пайдо намуданд, то осори нодири таърихӣ, асарҳои илмии олимони барҷаста, дастовардҳои донишҷӯён ва саҳми муассиса дар рушди илм, маориф ва фарҳанги миллиро аз наздик дидан намоянд.

ВАРЗИШ

# ИШТИРОКИ ОМӮЗГОРОНУ КОРМАНДОНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ДАВИ МИЛЛӢ ВА МАРАФОНИ ВЕЛОСИПЕДРОНӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ




ХОНИШИ СИЁСӢ

# ОМӮЗГОРОНУ КАСБОМӮЗОНИ МАРКАЗИ ТАЪЛИМИИ КАСБОМӮЗИИ ДОНИШГОҲ ДАР ШАҲРИ НОРАК БО ЭКСПОЗИТСИЯИ ОСОРХОНА ШИНОС ГАРДИДАНД



**Имрӯз омӯзгорону касбомӯзони Маркази таълимии касбомӯзии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Норак ба Осорхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ворид гардида, аз толорҳои намоишии он дидан намуданд.**

Ба ин восита, онҳо бо дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, табиати зебои Тоҷикистон, таърихи фарҳанги пурғановати миллати тоҷик, фаъолияти пурсамари нахустмактаби олии кишвар ва дастовардҳои он дар солҳои охир шинос гардиданд.

# 9 МАЙ – РӮЗИ ҒАЛАБА: ҚАҲРАМОНӢ, ҶОННИСОРӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

**9 май — Рӯзи Ғалаба бар фашизм на танҳо як санаи тақвимист, балки яке аз пурҷалолтарин ва пурифтихортарин саҳифаҳои таърихи башарият мебошад. Ин рӯз рамзи пирӯзии нерӯи адолат, ваҳдат ва матонат бар ҷаҳолат, зулм ва фоҷиаи инсонист. 80 сол қабл, 9 майи соли 1945, бо имзои санади таслимшавии бечунучарои Олмони фашистӣ Ҷанги Бузурги Ватанӣ хотима ёфт. Он ҷанг, ки дар таърихи инсоният ҳамчун яке аз фоҷиабортарин ва хунрезтарин муаррифӣ шудааст, тақдири даҳҳо кишвар ва сарнавишти миллионҳо инсонро дигаргун кард.**




Барои мардуми Тоҷикистон низ ин сана азизу муқаддас аст. Зеро фарзандони содиқу далери тоҷик дар сафи Артиши Шӯравӣ бо ҷасорату мардонагӣ дар майдонҳои муҳориба ва ақибгоҳ ширкат варзида, ҷоннисориҳо намудаанд. Тоҷикистон, ки дар он давра як ҷумҳурии аграрӣ ва иқтисодан начандон пешрафта ба шумор мерафт, ҳамаи имконоти мавҷударо сафарбар карда, саҳми воқеии худро дар таъмини Ғалаба гузошт.

Бояд қайд намуд, ки тибқи маълумоти расмӣ, зиёда аз 300 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ба сафи Артиши Шӯравӣ даъват гардидаанд. Аз миёни онҳо зиёда аз 90 ҳазор нафарашон ҷони худро дар ин ҷанги даҳшатбор нисори Ватан карданд. Зиёда аз 55 ҳазор нафар беному нишон боқӣ мондаанд. Ҳар нафари ин рӯйхат — на танҳо як сарбоз, балки як қисмати таърих, як ибрат ва як рамзи ватандӯстист.

Агар аз қаҳрамониҳои миллати тоҷик сухан гӯем, бояд зикр намуд, ки аз миёни садҳо ҳазор ҷанговарони тоҷик 56 нафар бо унвони баландтарин — Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардидаанд. Чунин мардони далер, аз ҷумла Неъмат Қараев, Сафар Амиршоев, Шамси Бобо Бобоев, Ҳотамшо Қаландаров, Мастон Шералӣ, ва дигарон дар таърихи мубориза бар зидди фашизм ҳамчун рамзи шуҷоат боқӣ хоҳанд монд. Онҳо дар муҳорибаҳои Сталинград, Курск, озодсозии Киев, Минск, Варшава ва ҳатто дар ишғоли Берлин ширкат варзидаанд. Ин ҷоннисориҳо бо забони омор ё рақам тавсиф намешаванд — онҳо бо қалб, бо эҳсоси миллӣ дарк мешаванд.

Дар ин ҷанг саҳми ақибгоҳ низ бузург аст. Бояд таъкид кард, ки Ғалаба танҳо бо силоҳ ба даст наомадааст. Онро коргарону деҳқонон, омӯзгорону табибон, кӯдакон ва модарони заҳматкаш дар ақибгоҳ бо меҳнати шабонарӯзии худ таъмин намуданд. Дар шароити норасоии захираҳо, мардум маҳсулот, либоси гарм, доруворӣ ва ҳатто маблағ барои эҳтиёҷоти ҷанг ҷамъ меоварданд. Хусусан модарон ва духтарони тоҷик, ки ҳамзамон ҳам дар саҳро меҳнат мекарданд, ҳам фарзанди азизашонро гусел мекарданд, рамзи зиндаи сабру устуворӣ мебошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи саҳми мардуми тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ чунин таъкид кардаанд:

"Мо ҳамеша ифтихор мекунем, ки фарзандони барӯманди халқи тоҷик бо мардонагиву шуҷоат ва матонати бемисл дар муҳорибаҳои сахту сангини ҷанг ширкат варзида, барои озодии халқи худ ва дигар халқҳои Шӯравӣ, ҳимояи Ватан ва таъмини ҳаёти орому осоишта қаҳрамониҳо кардаанд".

Дар ин замина, поси хотир ва вазифаи наслҳо дар замони истиқлолу ваҳдати миллӣ аҳамияти хоса дорад. Имрӯз, ки мо дар фазои сулҳу суботи устувор зиндагӣ мекунем, бояд нисбати ҷоннисориҳо ва фидокориҳои наслҳои гузашта эҳтироми самимӣ ва шукронаи қалбӣ дошта бошем. Ҳар нафаре, ки барои озодиву осоиштагии имрӯз ҷони худро нисор кардааст, бояд дар хотири наслҳо зинда монад. Пос доштани номи шаҳидон, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, омӯзиши саҳми халқи тоҷик дар раванди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва тарғиби пайвастаи арзишҳои ватандӯстӣ на танҳо амали ахлоқӣ, балки вазифаи муқаддаси ҳар як фарди ватандӯст мебошад.

Ҳар як номи шаҳид, ҳар як лавҳаи ёдбуд, ҳар як ёдгории таърихӣ — ин дарси зиндаи ватандӯстӣ ва худшиносӣ аст. Дар ин замина, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд.

"Мо бояд таърихи халқи худро, махсусан саҳми беназири мардуми тоҷикро дар ҷараёни ҳодисаҳои бузурги асри XX ҳамаҷониба омӯхта, онро ба наслҳои оянда бирасонем, то эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар қалби ҳар як ҷавони пояи устувор пайдо кунад".

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба мо на танҳо ғалабаро овард, балки як мактаби бузурги зиндагӣ, ибрат ва ҳушёриро омӯхт. Он омӯхт, ки як миллат бо ваҳдат, ирода ва маърифати баланд метавонад бар ҳама гуна таҳдид ғолиб ояд. Имрӯз, ки мо дар фазои сулҳу суботи комил ва давлатдории миллӣ зиндагӣ дорем, бояд хидмати гузаштагонро қадр намуда, наслҳои навро дар рӯҳияи ифтихор аз таърих, хештаншиносӣ ва садоқат ба Ватан тарбия намоем.

Рӯзи Ғалаба — на танҳо як ёдбуд аст, балки як рисолати миллӣ, ахлоқӣ ва таърихӣ барои ҳар як фарди тоҷик аст.



**Қобилҷонзода Комилҷон – сардори шуъбаи умумӣ ва назорати ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

ДИДГОҲ

# САРФАИ НЕРӮИ БАРҚ – МУҲИМТАРИН ОМИЛИ РУШД

**Дар ҷаҳони муосир, ки технология ва саноат рӯ ба тараққӣ доранд, нерӯи барқ нақши калидиро мебозад. Он на танҳо манбаи рӯшноӣ ва гармӣ, балки асоси фаъолияти корхонаҳо, муассисаҳо ва ҳаёти рӯзмарраи мост. Аммо, захираҳои табиӣ маҳдуд буда, истеҳсоли нерӯи барқ боиси зарар ба муҳити зист мегардад. Аз ин рӯ, сарфаи нерӯи барқ на танҳо як зарурати иқтисодӣ, балки вазифаи муҳими ҳар як фард ва ҷомеа дар маҷмӯъ аст.**



Сарфаи нерӯи барқ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Вақте ки мо нерӯи барқро сарфа мекунем, хароҷоти истеҳсоли он кам мешавад. Ин имкон медиҳад, ки маблағҳои сарфашуда ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт, аз қабили маориф, тандурустӣ ва инфрасохтор равона карда шаванд. Ғайр аз ин, сарфаи нерӯи барқ рақобатпазирии корхонаҳоро баланд мебардорад, зеро хароҷоти истеҳсолот кам шуда, нархи маҳсулот арзон мегардад.

Инчунин самаранок истифодаи нерӯи барқ ба ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад. Истеҳсоли нерӯи барқ, бахусус аз сӯзишвории фоиданок, боиси партови газҳои гулхонаӣ мегардад, ки ба тағйирёбии иқлим оварда мерасонад. Бо сарфаи нерӯи барқ, мо партови газҳои зарароварро кам карда, ба ҳифзи ҳаво, об ва хок мусоидат мекунем. Илова бар ин, сарфаи нерӯи барқ имкон медиҳад, ки захираҳои табиӣ барои наслҳои оянда нигоҳ дошта шаванд.

Ба хотири садди роҳи исрофкорӣ шудан дар истифодаи неруи барқ ва пешгирии талафёбии буҷаи иқтисодии хонаводаҳо ҳукумати кишвар тадбирҳои зарурӣ андешид. Аз ҷумла, дар соҳаи энергетика ислоҳот ворид намуда, низоми нави ҳисоби хароҷоти истеҳсолу интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, ҷорӣ намудани низоми нави электронии механизми муосири баҳисобгирӣ ва ҷамъоварии маблағи неруи барқ ва дигар чораандешиҳоро ба роҳ монд. Аз асоситарин фоидаҳои ин низом ҳамин аст, ки аъзои ҷомеа дар истифодаи неруи барқ сарфакор шуданд ва ба ин васила миқдори муайяне аз буҷаи иқтисодии оилавияшонро сарфа намуданд. Ва равшан аст, ки ин омилҳо ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум таъсири хуб дорад.

Зимни баромадҳои хеш ба таври ҳамешагӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоса ба рушди соҳаи энергетика, махсусан дар раванди расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, риояи фарҳанги сарфаю сариштакорӣ дар истифодаи ин сарвати миллӣ ва интиқоли неруи барқ ба кишварҳои ниёзманди энергетикӣ мебошад. Ҳамчунин, аз мардум даъват ба амал оварда мешавад, ки барои кам кардани талафоти неруи барқ ва истифодаи самараноки он аз таҷҳизоти каммасрафи барқӣ истифода намоянд. Маҳз, чунин иқдом имкон медиҳад, ки дар роҳи расидан ба ҳадафҳои олӣ солҳои наздик муваффақ гардем

Сарфаи нерӯи барқ вазифаи ҳар як фард аст. Ҳар яки мо метавонем бо риояи қоидаҳои оддӣ, аз қабили хомӯш кардани чароғҳо ҳангоми тарк кардани ҳуҷра, истифодаи лампаҳои каммасраф, ҷудо кардани дастгоҳҳои барқӣ аз шабака ҳангоми истифода нашудан ва харидани таҷҳизоти каммасраф, ба сарфаи нерӯи барқ саҳм гузорем. Сарфаи нерӯи барқ на танҳо як зарурати иқтисодӣ ва экологӣ, балки вазифаи ахлоқии ҳар яки мост. Бо сарфаи нерӯи барқ, мо ба рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини ояндаи устувори наслҳои оянда саҳм мегузорем.

Илова бар ин, сарфаи нерӯи барқ метавонад ба беҳтар шудани сифати зиндагии мо мусоидат кунад. Масалан, истифодаи технологияҳои пешрафтаи сарфакунандаи энергия дар хонаҳо ва биноҳо, ба монанди гармидиҳии офтобӣ, изолятсияи хуби деворҳо ва тирезаҳо, метавонад хароҷоти коммуналиро кам карда, фазои бароҳат ва солимро фароҳам оварад. Ҳамчунин, рушди нақлиёти барқӣ ва инфрасохтори мувофиқ метавонад ҳавоaccess дар шаҳрҳо тозатар карда, сатҳи садоҳоро паст кунад ва ба саломатии аҳолӣ таъсири мусбат расонад.

Ҳукуматҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ дар ин раванд нақши муҳим доранд. Онҳо метавонанд бо қабули қонунҳо ва стандартҳои сарфаи энергия, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи энергетикаи барқароршаванда, ташкили маъракаҳои иттилоотӣ ва таълимӣ оид ба сарфаи энергия, ба тағйири рафтори истеъмолкунандагон ва татбиқи технологияҳои сарфакунандаи энергия мусоидат кунанд.

Муҳим аст, ки дарк намоем, ки сарфаи нерӯи барқ танҳо як масъалаи техникӣ ё иқтисодӣ нест, балки масъалаи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ низ мебошад. Мо бояд дар ҷомеа фарҳанги сарфакориро тарғиб намоем, ки дар он сарфаи энергия ҳамчун як арзиши муҳим ва нишонаи масъулиятшиносӣ қабул карда мешавад. Ин метавонад тавассути таълим дар мактабҳо, таблиғ дар воситаҳои ахбори омма ва ташаббусҳои ҷомеавӣ амалӣ карда шавад.

Дар охир, бояд қайд кард, ки сарфаи нерӯи барқ як раванди давомдор аст, ки тақозои талошҳои муштараки ҳамаи аъзоёни ҷомеаро дорад. Бо сарфаи нерӯи барқ, мо на танҳо ба рушди иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист саҳм мегузорем, балки ояндаи устувори худро ва наслҳоиояндаро таъмин менамоем.



Исломзода Ҷ.М. – декани факултети романӣ-германӣ

*Агарчи шоҳу сарватманд гардад,*
*Шавад нокас бе ту ҳар инсон.*

НАЗАР

# МУҲИММИЯТИ БОҒЧАҲО ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

**Дар асри XXI технологияи рақамӣ ба яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеа табдил ёфтааст, ки таъсири он ба ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла маориф, возеҳ мушоҳида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ қарор дорад, истифодаи технологияҳои муосир дар таълим метавонад сифати омӯзишро ба таври назаррас беҳтар созад. Илми география, ҳамчун фанне, ки табиат, иқтисод ва ҷомеаро дар якҷоягӣ меомӯзад, аз ин раванд истисно нест. Тоҷикистон бо манзараҳои гуногуни географӣ, аз қабили қаторкӯҳҳои Помиру Олой, дарёҳои бузурги Осиёи Марказӣ ва захираҳои бойи табиӣ, барои таълими география имкониятҳои фаровон дорад. Технологияҳои рақамӣ метавонанд ин имкониятҳоро ба сатҳи нав бардоранд, зеро онҳо на танҳо донишҳои назариявиро ғанӣ мегардонанд, балки малакаҳои амалии хонандагон ва донишҷӯёнро низ тақвият медиҳанд.**



Пояи муҳими рушди ҷомеа тарбияи дурусти кӯдак мебошад. Солҳои аввали зиндагии кӯдак, бахусус аз синни 3 то 6-солагӣ, замони ташаккули шахсият ва асосгузории хислатҳои ахлоқиву зеҳнӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин марҳила, муассисаҳои томактабӣ — яъне боғчаҳои кӯдакон — нақши ҳалкунанда доранд. Онҳо на танҳо кӯдаконро ба ҳаёти иҷтимоӣ омода месозанд, балки заминаи муносиб барои рушди нутқ, тафаккур, ахлоқ ва малакаҳои иҷтимоии онҳо фароҳам меоранд.

Тарбияи томактабӣ як ҷузъи муҳими низоми маориф ба шумор меравад. Дар Тоҷикистон ҳам солҳои охир таваҷҷуҳ ба таъсис ва рушди боғчаҳо бештар шудааст, ки ин аз сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти кишвар ва талоши ҷомеа барои таъмини ояндаи равшани насли наврас шаҳодат медиҳад.

Мутахассисон бар инанд, ки кӯдакони аз хурдӣ дар муҳити созгор ва таълимии муассисаи томактабӣ ба камол расида, дар мактаб ва минбаъд дар ҷомеа фаъолтар ва мутобиқшавандаи хуб мешаванд. Чунин кӯдакон дорои малакаи ҳамкорӣ, шунидан, интизом ва эҳтиром ба дигарон буда, омодагии бештар барои таҳсил дар синфи якум доранд.

Муассисаҳои томактабӣ дар баробари нигоҳубин ва хӯрокворӣ, барномаи таълимӣ ва тарбиявӣ низ доранд. Дар онҳо кӯдакон хондан, навиштан, ҳисоб кардан, расмкашӣ, рақсу суруд ва дигар фаъолиятҳоро меомӯзанд. Аммо аз ҳама муҳимтар — онҳо меомӯзанд, ки чӣ гуна дар ҷомеа зиндагӣ кунанд: бо дӯстонашон муошират намоянд, бо навбат бошанд, чизҳоро тақсим кунанд ва эҳтироми калонсолонро риоя намоянд.

Илова бар ин, дар муассисаҳои томактабӣ мураббиён ва равоншиносоне фаъолият мекунанд, ки ҷиҳати ташаккули рӯҳиву равонии кӯдакон кор мекунанд. Онҳо кӯмак мекунанд то ҳар кӯдак қобилиятҳои инфиродии худро пайдо ва инкишоф диҳад.

Таҳқиқотҳои ЮНИСЕФ ва ЮНЕСКО нишон медиҳанд, ки иштирок дар барномаҳои томактабӣ ба кӯдакон кӯмак мекунад, то дар мактаб беҳтар хонанд ва камтар аз таҳсил дур шаванд. Бино ба омори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2024 зиёда аз 190 ҳазор кӯдак дар муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шуданд, ки назар ба даҳ соли пеш тақрибан ду баробар зиёд мебошад.

Хулоса таҳкими заминаи боғчаҳо — тақвияти ояндаи миллат аст. Аз ин рӯ, бояд: шумораи боғчаҳо зиёд карда шавад, бахусус дар деҳот ва маҳаллаҳои аҳолинишин; мутахассисони соҳибкасб дар соҳаи тарбияи томактабӣ омода ва дастгирӣ шаванд; падару модарон низ бояд дар раванди тарбияи кӯдак дар ҳамкорӣ бо мураббиён бошанд; барномаҳои таълимии боғчаҳо бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва замонавӣ такмил дода шаванд.

Тарбияи кӯдак аз лаҳзаи нахустин оғоз мешавад, вале дар боғча шакли касбӣ мегирад. Пас, ба рушди боғчаҳо ва системаи томактабӣ аҳамияти аввалиндараҷа бояд дода шавад, зеро насли солиму босавод дар оянда ҷомеаро ба самти пешрафт мебарад.

**Пирова Зулқаъда – мураббияи боғчаи №117-и н. Фирдавсӣ**

# ХИЗМАТИ ҲАРБӢ – ҚАРЗИ ДОИМИИ ШАҲРВАНДӢ

**Танзими муносибати байни шаҳрвандон ва давлатҳо яке аз муҳимтарин масоили илмҳои сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ ба шумор меравад, ки ҳар ду ҷониб ҳамчун тарафҳои як шартнома ва қарордоди иҷтимоӣ онро ба муқаррар намуда, ба иҷро мерасонанд. Вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои ду тараф вобаста ба соҳаи фаъолияти онҳо дар ин шартномаи иҷтимоӣ муайян мегардад.**

Бо таваҷҷуҳ ба асосҳои илми ҳуқуқ ва сиёсат, барои ҳар як вазифа ва таклифе, ки дар қарордод қайд мегардад, тарафайн бояд ӯҳдадориҳоеро низ ҷиҳати иҷро ба зиммаи худ гиранд. Яъне, ба муқобили ҳар вазифа, ӯҳдадориҳоеро низ бояд тасаввур намуд. Масалан, давлат муқобили шаҳрвандон барои худ вазифа мегузорад, ки волоияти қонун ва адолати судиро дар ҷомеа ба таври комил риоят намояд, ва аз тарафи дигар, шаҳрвандон ҳам муқобили ин вазифаи давлат бояд ӯҳдадориеро ба зимма худ қабул намоянд. Ӯҳдадории шаҳрвандон масалан метавонад риоят ва иҷрои дурусту бекаму кости қонунҳое бошад, ки давлат ҷиҳати барқарории тартиботи ҷамъиятӣ муқаррар кардааст. Дар ин сурат, ҳам давлат ба вазифаи худ амал намуда, ҳам шаҳрвандон ӯҳдадории худро муқобили давлат анҷом додаанд.

Аз миёни мавридҳои зиёди вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои давлату ҷомеа, масъалаи хизмати ҳарбӣ бисёр муҳим ва барҷаста ба назар мерасад. Замоне, ки давлат вазифаҳои зиёдеро ба души худ қабул мекунад, дар муқобил бояд шаҳрвандон низ мутаносиб бо онҳо ӯҳдадориҳоеро низ қабул намоянд, то робитаи давлату ҷомеа тавре, ки гуфта шуд ба танзим дароварда шавад. Таъмини амнияту суботи ҷомеа дар ҳар шабона руз ва дар ҳар маҳаллаву минтақаи мамлакат, вазифаи бисёр сангину душвор аст, ки фарзандони ин миллат доиман ҷиҳати анҷоми он дар ҳоли талошу кушиши бевақфа ҳастанд. Ба ҳамин ҷиҳат, сазовор аст, ки умуми шаҳрвандон низ ӯҳдадориҳо ва масъулиятҳои худро бо анҷоми хизмати ҳарбӣ ба таври комил дар баробари давлату ҷомеа иҷро намоянд. Дар моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди масъалаи хизмати ҳарбӣ чунин омадааст:

«Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мутофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Тартиби хизмати ҳарбиро қонуну муайян мекунад.»

Агар ба ин моддаи Конститутсия таваҷҷуҳ шавад, ҳифзи Ватан як амри муқаддас ва арзишманд дониста шуда, тамоми асосҳо ва пояҳои ҳокимияти кишвар бар асоси анҷоми ин амри муқаддас бино ниҳода шудааст. Инчунин, истиқлолияти кишвар низ ба ин амри муҳим вобастагии зиҷ дорад. Зеро, агар дар ҳифзу ҳимояи Ватан кутоҳӣ ва сустӣ сурат гирад, имкон дорад, ки аз ҷониби душманони дохилию хориҷӣ газанде ба як гушае аз кишвар бирасад. Дар ин ҳолат, на танҳо амният ва суботи шаҳрвандон бо хатар мувоҷеҳ мегардад, балки эҳтимоли он меравад, ки истиқлолият ва тамомияти арзии кишвар зери хатар ва таҳдид қарор гирад. Пас, анҷоми хизмати ҳарбӣ ва омода будани доимии фарзандони кишвар дар лаҳзаҳои ҳассос ва пурхатар метавонад ин таҳдидҳоро низ аз сари миллат ва кишвар дур созад. Масъалаи муҳими дигар он аст, ки иқтидори мудофиавӣ ва низомии кишвар низ бисёр ба мафҳуми хизмати ҳарбӣ вобастагӣ дорад. Хизмати ҳарбӣ, ҷавонон ва фарзандони кишварро доиман дар ҳолати омодабошӣ ва ҳушёрӣ қарор медиҳад, ки ба маҳзи эҳсоси хатар ва таҳдид аз самти душманон, бори масъулияти ҳифзи Ватан на танҳо ба души нерӯҳои дар ҳоли хизмат ва фаъоли мамлакат супорида шавад, балки нерӯҳои захира ва ҳамеша омодаву ҷон бар кафи миллат дар ҳар либос ва касбу коре, ки бошанд, фавран ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар бояд сафарбар шуда, ҷиҳати ҳифзу ҳимояи давлату ҷомеа ҳозир шуда, саҳми худро гузоранд. Ба ҳамин ҷиҳат, хизмати ҳарбӣ ҳамчун қарзи шаҳрвандӣ дониста мешавад, ки дар баробари масъулиятҳои зиёди давлат, аз ҷониби шаҳрвандон ба ӯҳда гирифта шуда, ҳатто пас аз ба анҷом расонидани он низ, шаҳрвандон ҳамеша худро бояд омодаи ҳифзу ҳимоя аз Ватан ба ҳисоб оваранд, на инки бо тамом шудани муҳлати хизмати ҳарбӣ, масъулият ва ӯҳдадории шаҳрвандон ҳам поён меёбад, балки хизмати ҳарбӣ дар тули муддати ду сол, танҳо як рамз ва нишонаи аълони омодагӣ ба дифоъ аз Ватан аз ҷониби шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ки пас аз он поёни муҳлати он низ то охири ҳаёт, умуми мардум ҷиҳати ҳифзу ҳимояи Ватан бояд омода бошад.



**Қодирзода Сайвалӣ – раиси Иттифоқи касабаи муттаҳидаи кормандон ва донишҷӯёни ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

# ҲИФЗИ ЗАБОН – ВАЗИФАИ ҲАМАГОН

**7- уми майи соли равон дар робита ба Рӯзи телевизион, радио ва кормандони соҳаи алоқа дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ маҳфили навбатии “Забон донӣ – ҷаҳон донӣ” доир шуд. Меҳмони маҳфил корманди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи “Роҳҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВАО” суҳбат намуд. Ӯ иброз дошт, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар яке аз ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки ҷиҳати устувор намудани пояҳои забони давлатӣ «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» таҳия ва ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад. Ҳоло ин барнома мавриди амал қарор дошта, дар рушди забони тоҷикӣ нақши бориз мегузорад. Ҳамчунин Президенти мамлакат борҳо зикр карданд, ки мо бояд ба таҳия, танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар роҳи рушди забони давлатӣ ба шумор меравад, эътибори ҷиддӣ диҳем.**



Масъалаи дигаре, ки ба омӯзишу ҳифзи забони миллӣ ҳамрадиф аст, вазъи таълими забони тоҷикӣ ба шумор меравад,- иброз дошт Зулфониён Раҳим. Зеро ин масъала то замони истиқлол дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ва ҷанбаҳои гуногуни ҷомеа хеле нигаронкунанда буд. Бо шарофати неъмати бебаҳои истиқлол ин вазъи барои миллату давлат ногувор маҷрои худро дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа тағйир дод. Яке аз ин самтҳо таълими ҷиддии забони тоҷикӣ ба сифати фанни ниҳоят муҳим ва тақвиятбахши рукнҳои давлати миллӣ дар тамоми риштаҳои ҳаёт, бавижа дар факултаҳои ғайрифилологии муассисаҳои олии таълимӣ мебошад.

Сипас, оид ба вазъ, мушкилот ва дурнамои рушди забони тоҷикӣ, таҳия, танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, риояи меъёрҳои забони адабӣ дар воситаҳои ахбори омма ва ба забони давлатӣ бехато навиштани шиору овезаҳо суҳбати озоду самимӣ доир шуд. Ба саволҳои марбут ба ин мавзуъ корманди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфониён Раҳим Раҷабзода посух дод.

Ба назари номбурда гоҳе бо блогерone дучор мегардем, ки ҳангоми муоширату суханронӣ ва навишташон на аз вожаҳои нобу пурмаънию беғалат, балки аз калимаҳои қабеҳу жаргонҳои бегонаю ғайримеъёрӣ истифода мебаранд, ки ин аз камдонишии он блогер ё соҳибзабон дарак медиҳад ва ниёз ба омӯзиши забони модарӣ доштани ӯро ошкор менамояд. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки барои зиёд намудани шумораи обуначиён блогерон имрӯзҳо аз тамоми роҳу воситаҳо истифода менамоянд. Яке аз ин воситаҳо истифода намудани калимаҳои дурушту дағал ҳангоми гуфторашон мебошад. Аз ҷумла, дар гуфтори баъзе аз онҳо калимаҳои омехта аз ҳар забон, ба монанди «кокс те аз ин ҷо» ба маънои аз ин ҷо рав, «дакладовать кун» ба маънои шарҳ деҳ, «интересний нестай» ба маънои ҷолиб нест ва калимаву иборахои кӯчагии «э, ма наём», «хит кн гапа», «бги дега» ва дигар калима ва ибораҳои қабеҳу ғайримантиқӣ, ки ба забон овардани онҳо ғайриимкон низ мебошад, ҷой доранд.

Таассуфовараш он аст, ки имрӯз баъзе наврасону ҷавонон ба чунин блогерон тақлид намуда, дар кӯчаю хиёбонҳо ё ҷойҳои ҷамъиятӣ ин ибораҳоро истифода мебаранд. Чунин суханҳои қабеҳ ба рафтору гуфтори наврасону ҷавонон таъсири манфӣ расонида, дар оянда ба рафтор ва сухангӯии онҳо таъсир мерасонад.

Ҳангоми мубоҳиса аҳли нишаст ба натиҷа расиданд, ки воқеан имрӯз забони тоҷикӣ дар паноҳи давлат қарор гирифтааст. Яъне, забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст. Давлат барои ҳифзу пешрафти забон шароит фароҳам меорад. Натиҷаи дастгирии бевоситаи Пешвои миллат аст, ки имрӯз забони ширини тоҷикӣ аз минбарҳои баландтарини созмонҳои байналмилалӣ садо медиҳад ва кӯшишҳо барои ҳақадами замон намудану ба забони илму технологияи муосир табдил додани он босуръат идома дорад.

# ВОХӮРИИ НАМОЯНДАГОНИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИИ ДОХИЛӢ БО ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ

**Дар асоси нақша чорабиниҳои муштраки Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар самти пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ ва дигар мавзуҳои мубрами рӯзмара, бо донишҷӯёни донишгоҳ вохӯрии судманд баргузор гардид.**



Дар ин вохӯрӣ муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳ Раҷабзода Сироҷиддин, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии Донишгоҳ Назарзода Нигора, сардори шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои обрӯю эътибор ва ахлоқи шахсияти раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД ҶТ подполковники милитсия Ривоҷзода Каримҷон, ваколатдори оперативии раёсати кофтуковӣ-ҷиноятии ВКД ҶТ, Салимзода Шуҳрат, муовини роҳбари гурӯҳи ҷавонони Авангард Саидзода Муҳамадсаид, сардори шуъбаи тарбияи Донишгоҳ Давлатшо Каримзода, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон Муродов Муҳаммад, муовинони декан оид ба корҳои тарбиявӣ ва донишҷӯёни факултетҳо иштирок доштанд.

Сараввал ҷаласаро муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳ, профессор Раҷабзода Сироҷиддин оғоз намуда, меҳмононро бо ҳайати кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ шинос намуд ва ҳузурашонро ба ин боргоҳи маърифат хайрамақдам гуфт. Ӯ иброз дошт, ки Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар пайгирии сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша саҳмгузору ҷонибдор мебошанд.

Сипас, навбати суханро ба сардори шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои обрӯю эътибор ва ахлоқии шахсияти раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД ҶТ подполковники милитсия Ривоҷзода Каримҷон дода шуд.

Подполковник Ривоҷзода К., дар баромадаш, доир ба хатарҳои пешомади ҷаҳони муосир мавзуъҳои ифротгароӣ, терроризму экстремизм ва роҳҳои пешгирии онҳо суханронӣ намуд. Ӯ иброз дошт, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз беҳтарин кишварҳои амн ба ҳисоб меравад, вале баъзе шаҳрвандони мо аз чунин оромию ободонӣ шукргузорӣ накарда, баръакс ба амалҳои зишту ба шаъну шарафи миллати тоҷик доғовараңда даст мезананд.

Ӯ ҳамчунин афзуд, ки дар бораи ин, ҳанӯз ҳолатҳои дасисабозӣ, гумроҳкунию шомилсозӣ, марзгузарии ғайриқонунӣ ва ҳаракатҳои тундгаро аз ҷониби шахсони бадкинаю манфиатҷӯ дар дохили кишвар ба назар мерасанд.

Ҳамчунин баромадкунанда иброз дошт, ки имрӯзҳо шомилшавии хурдсолон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, аз ҷониби хонандагону донишҷӯён самаранок истифода набурдани телефонҳои мобилӣ, “лайк”-гузории гумроҳона ба шабакаҳои иҷтимоӣ (алалхусус дар сомонаҳои мамнуъшуда) ҳанӯз кам ба назар намерасанд. Ӯ бо мисол овардани чандин далел илова намуд, ки ин масъалаҳои зикргардида, айни ҳол доғи рӯз низ ба ҳисоб мераванд. Таъкид намуд, ки мутаассифона, ташкилкунандагони як амалиёти террористӣ дар кишвари хориҷ аз камдонишиву камзарфии баъзе аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, истифода бурда, номи миллати тоҷикро дар байни дигар миллатҳои дунё доғдор намуд.

Дар фарҷом муовини роҳбари гурӯҳи ҷавонони Авангард Саидзода Муҳаммадсаид баромад намуда, доир ба худдорӣ намудан аз ҳолатҳои истифодаи телефонҳои мобилӣ ва зарари он муфассал суханронӣ намуда, аз ҳозирин ҷиҳати тарбияи дурусту саривақтии кӯдакону хонандагон, талқини нерӯи худшиносию ҳувияти миллӣ, пешгирии ҳолатҳои шомилшавии наврасону ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни тундгаро ва дар ниҳоят дастаҷамъона пайгирӣ намудан аз сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват ба амал овард.

*Эй басо, олим зи дониш бенасиб,*
*Ҳофизи ом аст он кас, не ҳабиб.*



# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ – НИГАҲБОНИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ!

**«Насли ҷавони мо бояд огоҳ бошанд, ки ниёкони онҳо сарфи назар аз номеҳрубониҳои таърих то чӣ ҳад дар ҳифзи ватан ва муқаддасоти миллӣ, махсусан забони модарии хеш кушиш ба харҷ дода, барои мо забони тавоноеро якҷо бо чунин осори арзишманди адабӣ ва таърихӣ ба мерос гузоштаанд. Акнун вазифаи ворисони забон он аст, ки ин кохи муҳташамро аз газанди боду борони замони ҷаҳонишавӣ нигоҳ дошта, то ҷойи тавон онро бо ғановати бештар ба наслҳои оянда мерос гузоранд». Эмомалӣ Раҳмон**




Халқи тоҷик тӯли ҳазор соли бенасибӣ аз давлату давлатдорӣ аз байн нарафт, зеро онҳое, ки болои ӯ ҳукумат мекарданд ва ӯро дар панҷаи зулму асорат нигоҳ медоштанд ҳамеша ниёз ба забон ва неруи эҷодкориву созандагии ӯ доштанд.

Аҳди Сомониён давраи тиллоии давлатдорӣ, даврони дар авҷи таҷаллӣ қарор доштани илму фарҳанги миллӣ беш аз асре тӯл накашид ва халқи тоҷик ба роҳи дарози таърихӣ, роҳи пур аз имтиҳонҳои сахту сангин, саршор аз таҷовузи душманон, саркӯбҳои хушунатомез, сахтиҳо, озору азият раҳсипор шуд, то ин, ки фақат баъд аз даҳ садсола соҳиби давлате бо марзҳои бамаротиб хурдшуда гардад. Вале ҷолиб ин аст, ки миллати тоҷик на танҳо он ганҷинаеро, ки дар бағал дошт дар он шебу фарозҳои пурхатари роҳи ҳазорсолаҳо гум накард, балки болои он боз ганҷҳои гаронбаҳо илова карда, барои муосирон ваояндагон армуғон овард. Президенти кишвар дар ин бора гуфтааст: « Талошу кӯшиш ва андешаи истиқлол миллатии моро ҳатто баъди суқути давлати Сомониён ва дар давраҳои ҷабру зулми сулолаҳои бегона қувват бахшидааст, ки аз шебу фарози таърих, аз озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо бо сарбаландӣ гузашта, забони модарӣ, илму адабиёти оламгир, анъанаву суннатҳои неки таърихиву фарҳангӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳувият, худогоҳӣ, худшиносии миллӣ ва истиқлолро то замони мову шумо расонад».

Таърих гувоҳ аст, ки алорағми вазъи печидаву мураккаби сиёсиву ҳарбӣ ва баъдан дар шароити боз ҳам душвори эҳё ва таҳкими бунёди иқтисоди миллӣ ва анҷоми дигар фаъолиятҳои марбут ба устувор намудани пояҳои давлатдорӣ Ҳукумати ҶТ бо роҳбарии Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳеҷ вақт аз ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба рушду густариши забон фориғ набудааст. Ҳукумати ҶТ ҳанӯз аз поёни солҳои 1992 ва аввали соли 1993 ба манзури тақвият бахшидан ба мақоми забони давлатӣ ба иқдом пардохт. Ҷашнгирии ҳамасолаи қонуни забон ба роҳ монда шуд. 21 октябри соли 1997 вобаста ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи рушди забон барномаи Ҳукумати ҶТ доир ба тавсия ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави ҶТ қабул гардид ва 3 сентябри соли 1998 бо қарори Ҳукумати ҶТ «Имлои нави забони тоҷикӣ» тасдиқ карда шуд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон бо дарки амиқи масъулияти хеш бар ҳайси Роҳбари сиёсии кишвар ба ҷойгоҳи забон таваҷҷуҳи беандоза дорад ва забони тоҷикӣ дар андешаи ӯ яке аз рукнҳои асосии ҳувияти миллии тоҷикистониён буда, аз мавқеияти хосае бархурдор мебошад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мутмаинанд, ки як риштаи пайванди неруманди таърихии муҳимро ҳамин забону адабиёти тоҷик ташкил медиҳанд ва Сарвари давлат ишқу алоқа ба забон ва гиромидошти анъанаҳои миллиро аз ҷониби тоҷикон сабаби асосии дар арсаи таърих пойдор мондани миллати тоҷик арзёбӣ мекунанд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини фаъолияташон ба ҳайси Роҳбари давлат дар баробари анҷом додани вазифаҳои мураккаб ва печидаи марбут ба таҳкими сохтори сиёсии давлат омода ва баргузор намудани ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳалли маҷмӯи масъалаҳои ҳаёти давлатӣ ҳамеша бар он мекӯшад, ки соатҳое ҷудо кунад то бо ҳамватанон дидору мулоқотҳо ороста сухан аз омӯзиш ва гиромидошти арзишҳои миллӣ бикушояд ва мардумро ба роҳи фарогирӣ ва сабақандӯзӣ аз таърихи миллати хеш ҳидоят намоянд. Дар ин замина Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон нахустин қадамеро, ки барои худшиносӣ ва огоҳии миллӣ тавсия медиҳанд, гиромидошти забон аст. Сарвари давлат забонро появу бунёди ҳастии миллат медонанд ва бо далелҳои муътамад нишон медиҳанд, ки эҳёи давлатдории миллии тоҷикон пас аз ҳукмронии 200 - солаи арабҳо аз ба саҳнаи сиёсӣ баргардонидани забони модарӣ оғоз гардидааст ва бо рӯй овардан ба саҳифаҳои таърих иброз медоранд, ки барои гузаштагони мо ифтихор аз ватан ва забон ҳамеша ангезаи эҳсоси олӣ буда, дар ҳама давру замон аз ҷумлаи мафҳумҳои муқаддастарин арзёбӣ гардидааст. Ҳамчунон, ки таърих шаҳодат медиҳад, дар воқеъ ҳам бо ба майдони сиёсат зуҳур намудани Тоҳири Пушанҷӣ, Яъқуби Лайси Саффорӣ растохези бузурге дар ривоҷ додану ба кор гирифтани забони тоҷикӣ ба ҷои арабӣ оғоз шуду суръат гирифт. Ба ин давра ба ривоҷи забону адаби тоҷикӣ замина гузошт, ки баъдан, дар замони Сомониён ҳарчи бештар забони меъёрӣ ва расмӣ неруманд гардид.

Забони тоҷикӣ офаридаи миллати тоҷик, нигаҳбони ҳастии ӯ тӯли садсолаҳо гардид ва шукри Истиқлоли кишвар, ки ин забон боз ба гаҳвораи худ баргашт ва чун ҳазорсоли пеш забони расмӣ гардида мақоми пешинаи худро касб кард. Пешвои муаззами кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ин забонро ба минбарҳои баланди дунё баров617данд, бо ифтихору сарфарозӣ бо забони ноби тоҷикӣ сухан карданд ва бори дигар паёми сулҳу ваҳдату шукуфоии ватани азизи моро ин соҳибзабони арзанда ба оламиён расониданд.



**Сайрам Бақозода – номзади илмҳои филология, муовини илми факултети иқтисод ва идораи ДДОТ ба номи С. Айнӣ**



Омӯзгори ҷавон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА,**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Наҳтулло Айнуллозода, Дониёр Сангинзод, Рухшона Қурбонзода, Нигора Назарзода, Исмоил Исроилов
**САРМУҲАРРИР:**
**ФАРИДУН КЕНҶАЗОД**
Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.
Телефон: 224-55-06

Нашрия тахти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.

Адади нашр: 50 нусха